*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**УДК:** 341.9 (575.3)
**ББК:** 67.93 (2Т)
**К-57**

**ҚОДИРОВ НЕКРУЗ АБДУЛМАҶИДОВИЧ**

# ОДАТҲО ҲАМЧУН САРЧАШМАИ ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ХУСУСӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**АВТОРЕФЕРАТИ**
диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи граждан ӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ)

**Душанбе – 2020**

Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (ДМТ) иҷро гардидааст.

| | |
|---|---|
| **Роҳбари илмӣ:** | **Сулаймонов Фируз Сафаралиевич –** номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалии факултети ҳуқукшиносии ДМТ |
| **Муқарризони расмӣ:** | **Исмоилов Шавкат Маҳмудович** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ ва молиявии факултети менеҷмент ва ҳуқуқи молияи Донишгоҳи молия ва иқтисоди Тоҷикистон, Арбоби илм ва техникаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. |
| | **Солиҳов Иброҳимхуҷа Муротҷонович** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати пракурории Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (ш. Хуҷанд). |
| **Муассисаи тақриздиҳанда:** | Муассисаи байнидавлатии таҳсилоти олии касбии «Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон» |

Ҳимояи диссертатсия 2 апрели соли 2021, соати 11:00 дар ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-002-и назди ДМТ (734025, ш. Душанбе, Буни Ҳисорак, толори Шӯрои диссертатсионии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ) баргузор мегардад.

**Бо муҳтавои рисола тавассути сомонаи** www.tnu.tj ва дар китобхонаи марказии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 17) метавон шинос шуд.

**Автореферат «______»_________** соли 2020 фиристода шуд.

**Котиби илмии шӯрои диссертатсионӣ**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,**
**профессор** **Азиззода У.А.**

# ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мубрам будани мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Ҷумҳурии Тоҷикистон чун давлати соҳибистиқлол ва ҳуқуқбунёд дар муносибатҳои байналмилалӣ ба сифати субъекти ҳуқуқи байналмилалӣ баромад намуда, манфиати халқи Тоҷикистонро дар ин муносибатҳо ба таври дахлдор ҳимоя намуда истодааст. Иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муносибатҳои байналмилалӣ тақозои васеъ шудани муносибатҳои байналмилалии иқтисодӣ, аз қабили муносибатҳои байналмилалии савдоӣ бо иштироки субъектони хоҷагидори Ҷумҳурии Тоҷикистонро дорад.

Чи тавре ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.12.2019 с.  қайд менамоянд: “Имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ ҳамчун кишвари пешбарандаи сиёсати хориҷии сулҳҷӯёнаву созанда эътироф гардида, эътибор пайдо кардааст.

Ба шарофати сиёсати «дарҳои кушода», ки ҷавҳари равобити байналмилалии Тоҷикистонро ташкил медиҳад, мо тавонистем бо аксари давлатҳои дунё муносибатҳои нек ва ҳамкориҳои судманди гуногунҷанбаро дар соҳаҳои мухталиф ба роҳ монда, тақвият бахшем[1]».

Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ ба марҳилаи нави инкишофи таърихӣ – бунёди давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, ягона ва иҷтимоӣ ворид гардид. Рушди устувори сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии давлат аз бисёр ҷиҳат аз самаранокии сиёсати ҳуқуқӣ вобастагӣ дорад. Ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таҳкими қонуният, таъмини рушди устувори иқтисодӣ ва иҷрои ҳадафҳои стратегии давлат бе таъмини волоияти қонун ва тартиботи ҳуқуқӣ ғайриимкон аст.

Муносибатҳои мазкур онро талаб менамоянд, ки қонунгузорӣ онҳоро ба таври дахлдор мавриди танзим қарор дода, баҳри дар амал татбиқ намудани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои субъективии граждании иштирокчиёни ин муносибатҳо заминаи ҳуқуқии мусоид фароҳам оварда шавад.

---

[1] Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.12.2019 с.

Дар ин замина як қатор асноди муҳим қабул гардидаанд, ки самтҳои афзалиятноки Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар соҳаҳои иқтисодиёт, иҷтимоиёт ва фарҳанг мушаххас менамоянд. Дар ин асно, санадҳои меъёрии ҳуқуқии гуногун қабул карда шуда, онҳо дар маҷмӯъ заминаи ҳуқуқии сиёсати иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва самтҳои дигари сиёсати давлати Тоҷикистони соҳибистиқлолро ташкил медиҳанд.

Дар баробари қабул гардидани шумораи зиёди санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар кишвар ва эътироф гардидани санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, инчунин дар ин давра ҳамчунин як қатор консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои давлатӣ дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа ва давлат, аз ҷумла Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 таҳия ва қабул карда шудаанд, ки ба ташаккул ва рушди минбаъдаи муносибатҳои нави иқтисодӣ ва иҷтимоии Тоҷикистон мусоидат намуданд. Дар натиҷа корҳо оид ба таҳия ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаҳои муайян, аз ҷумла қонунгузории граждонӣ, соҳибкорӣ, мурофиавии граждонӣ, мурофиавии иқтисодӣ, истеҳсолоти иҷро ва ғайра густариш пайдо намуданд.

Вобаста ба рушди иқтисоди миллӣ бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 январи соли 2015, таҳти №332 қабул гардид, ки дар он ҳадафу вазифаҳо ва самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти манфиатҳои миллии муайян карда шудаанд.

Аз ин лиҳоз, Ҷумҳурии Тоҷикистон қонунгузории худро дар ин самт ба роҳ монда, баҳри ноил шудани ба ҳадафи дарҷгардида онро мавриди такмили минбаъда қарор додааст. Қобили тазаккур мебошад, ки бо қабул шудани қисми якуми Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон[2] заминаи асосии ҳуқуқӣ дар инкишофи муносибатҳои молу мулкӣ гузошта шуда, минбаъд бо қабул карда шудани қисматҳои баъдии он, аз ҷумла қисми сеюм, ки фарогирии меъёрҳои коллизионӣ мебошад, муносибатҳои байналмилалии хусусӣ, дар маҷмӯъ ва муносибатҳои байналмилалии савдоӣ, махсусан, мавриди танзим қарор гирифт.

---

[2] Ниг.: Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1999. – № 6. – Мод. 153, 154; с. 2001. – № 7. – Мод. 508; с. 2002. – № 4, қ-1. – Мод. 170; с. 2005. – № 3. – Мод. 125; с. 2006. – № 4. – Мод. 193; с. 2007. – № 5. – Мод. 356; с. 2010. – №3. – Мод. 156. – № 12, қ-1. – Мод. 802; с. 2012. – № 850; с. 2012. – № 928; с. 2013. – № 976.

Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати яке аз сарчашмаҳои асосии танзими муносибатҳое, ки предмети онро ташкил медиҳанд, анъанаҳои муомилоти кориро эътироф менамояд (моддаи 5). Моҳияти анъанаҳои муомилоти корӣ ба сифати яке аз сарчашмаҳои ҳуқуқи гражданӣ ин танҳо истифода бурда шудани онҳо дар муносибатҳои соҳибкорӣ мебошад. Пас, хусусияти хоси ин сарчашмаҳо истифодабарии онҳо на дар ҳамаи муносибатҳо, балки дар муносибатҳои соҳибкорӣ буда, бо ин васила худи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳудуди татбиқшавии ин намуди сарчашмаҳоро муқаррар менамояд.

Васеъ шудани муносибатҳои соҳибкорӣ ва иштироки соҳибкорон дар муносибатҳои гуногуни байналмилалӣ-хусусӣ онро тақозо менамояд, ки дар танзими ин муносибатҳо на танҳо муқаррароти Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои қонунгузории гражданӣ, балки анъанаҳои муомилоти корӣ ба назар гирифта шуда, ҳолатҳое ҷой доранд, ки ин ё ин муносибат байни соҳибкорон ба пуррагӣ дар асоси танҳо анъанаи муомилоти корӣ мавриди танзим қарор дода мешаванд. Бар замми ин, зиёд шудани ҳолатҳои иштироки субъектони фаъолияти хоҷагидорӣ дар муносибатҳои хусусӣ бо дигар субъектони хоҷагидори хориҷӣ татбиқи анъанаи муомилоти кории байналмилалиро тақозо менамояд.

Аз лиҳози назариявӣ бошад, масоили одатҳо чун сарчашмаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти мафҳуми умумиэътирофшудаи «сарчашмаи ҳуқуқ» диққати аввалиндараҷаро ба худ ҷалб намуда, дар ин асно мебояд як қатор масъалаҳои назариявӣ оид ба эътироф намудани одатҳо чун сарчашмаи ҳуқуқи байнамилалии хусусӣ, бахусус, эътироф намудани онҳо ба ҳайси «танзимгари ҳуқуқӣ», муқаррар ва мушаххас намудани мавқеи одатҳо дар низоми сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мавриди омӯзиш қарор дода шаванд. Ҳамчунин, масоили эътирофи одатҳо чун қисмати таркибии ҳуқуқи татбиқшаванда дар муносибатҳои байналмилалии хусусӣ, аз ҷониби субъектони фаъолияти хоҷагидории Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди истифода қарор додани муқаррароти одатҳои байналмилалии савдоӣ (Инкотермс) ва дигар масъалаҳои назариявӣ-илмӣ бояд мавриди таҳқиқ қарор дода шаванд.

Инчунин, лозим ба ёдоварист, ки мавзӯи мазкур дар илми ҳуқуқшиносии муосири ватанӣ аз ҷониби олимон ба таври дахлдор ва

пурра мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода нашуда, бештари паҳлӯҳои он дар сарчашмаҳои гуногуни илмӣ умуман аз диққат дур мондаанд.

Вобаста ба ин, мавзӯи мазкур аз диди талаботи илми ҳуқуқшиносии муосири кишвар мубрам буда, омӯзиш ва таҳлили он дар баррасии масъалаҳои гуногуни илмӣ, инчунин, инкишофи қонунгузории амалкунандаи кишвар, саҳми арзанда хоҳанд гузошт.

**Робитаи кор бо мавзӯи диссертатсионӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ мутобиқи мавзӯи илмӣ-таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон: «Проблемаҳои актуалии назария ва амалияи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (2015-2020)» дар кафедраи ҳуқуқи байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Сатҳи таҳқиқи илмии мавзӯъ.** Паҳлӯҳои гуногуни одатҳо ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар асарҳои муҳаққиқон ватанию хориҷӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд. Аз ҷумла, онҳо дар асарҳои баъзе аз олимони хориҷӣ ба монанди С.В. Бахин[3], К.А. Бекяшев[4], А.П. Белов[5], М.М. Богуславский[6], А.М. Василев[7], Г.М. Веляминов[8], А.Б. Венгеров[9], Н.Г. Вилкова[10], П.Г. Виноградов[11], И.В. Гетман-Павлова[12], В.П. Звеков[13], И.П.

[3] Бахин С.В. Субправо = sublaw: Международные своды унификации контрактного права. С.В. Бахин. – Спб: Юрид. центр Пресс, 2002. – 309 с.

[4] К.А. Бекяшев Международное публичное право: Учебник. – 4-е изд., перераб. и доп. К.А. Бекяшев – М.: ТК Велби, Изд-во Проспект, 2008. 784 с.

[5] Белов А.П. Международное предпринимательское право. Практическое пособие. – М., 2001. – 325 с.

[6] Богуславский М.М. Международное частное право: учебник. – 4-е изд., перераб. И доп. М.М. Богуславский – М.: Юристь, 2001. – 461 с.

[7] Васильев А.М. Правовые категории. Методологические аспекты разработки системы категорий теории права. А.М. Васильев – М.: Юрид. лит., 1976. – 264 с.

[8] Вельяминов Г.М. Международное экономическое право и процесс (Академический курс): учебник. – М.: Волтерс-Клувер, 2004. – 496 с.

[9] Венгеров А.Б. Теория государства и права: учебник для юридических вузов. – 3-е изд. А.Б. Венгеров – М.: Юриспруденция, 2000. – 528 с.

[10] Вилкова Н.Г. Договорное право в международном обороте. Н.Г. Вилкова – М.: Статут, 2004. – 510 с.

[11]Виноградов П.Г. Очерки по теории права / П. Г. Виноградов. – М.: Т-во скоропечатни А. А. Левенсон, 1915. – 153 с.

Зикин[14], Г.Г. Иванов[15], М. Иссад[16], В.А. Канашевский[17], И.И. Лукашук[18], Л.А. Лунс[19], Н.И. Маришева[20], А.П. Сергеев Ю.К. Толстой[21], Е.А. Суханов[22], Н.А. Ушаков[23] ва дигарон мавриди таҳқиқу таҳлил қарор дода шудаанд. Бояд қайд намуд, ки одат ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ аз ҷониби олимони ватанӣ пурра мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст. Дар таҳқиқоти олимони ватанӣ танҳо қисматҳои ҷудогонаи одатҳо ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқ таҳлил гардидааст, аммо он дар сатҳи умумӣ ва ба таври пурра таҳлилу баррасӣ нагардидааст. Аз ин рӯ, зарурати ба таври муфассал мавриди таҳқиқ карор додани падидаи одат ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вуҷуд дорад.

---

[12] Гетьман-Павлова И.В. Международное частное право: учебник. И.В. Гетьман-Павлова – М.: Изд-во Эксмо, 2005. – 752 с.

[13] Звеков В.П. Международное частное право: учеб. для студентов вузов, обучающихся по специальности "Юриспруденция" / В. П. Звеков. - 2-е изд., перераб. и доп. – М.: Юристъ, 2004. – 701 с.

[14] Зыкин И.С. Обычаи и обыкновения в международной торговле: Понятие, применение, формирование, применимое право, типовые контракты / И. С. Зыкин. – М.: Междунар. отношения, 1983. – 158 с.

[15] Иванов, Г.Г., Маковский, А.Л. Международное частное морское право / Г.Г. Иванов, А.Л. Маковский. – Л.: Судостроение, 1984. – 280 с.

[16] Иссад, М. Международное частное право / М. Иссад. Пер. с фр. ред. и послесл. М.М. Богуславского. М. Иссад, – М.: Прогресс, 1989. – 400 с.

[17] Канашевский В.А. Внешнеэкономические сделки: материально-правовое и коллизионное регулирование. Внешнеэкономические сделки: материально-правовое и коллизионное регулирование. В.А. Канашевский –М.: Волтерс Клувер, 2008. – 591 с.

[18] Лукашук И.И. Нормы международного права в международной нормативной системе / И. И. Лукашук; Рос. акад. наук, Ин-т государства и права. – М.: Спарк, 1997. – 321 с.

[19] Лунц, Л.А. Курс международного частного права: учебник в 3-х т. / Л.А. Лунц. – М.: Спарк, 2002. – 1007 с.

[20] Марышева, Н.И. Курс международного частного права. Международный гражданский процесс / Н.И. Марышева. – М.: Юрид. лит., 1976. – 264 с.

[21] А.П. Сергеева Ю.К. Толстой Гражданское право. Учебник. Часть l. Издание третье, перераб. и доп. – М.: ПРОСПЕКТ, 1999. – 632 с.

[22] Суханов Е.А. Гражданское право: В 2 т. Том 1: Учебник 2-е издание, перераб. и доп. Е.А. Суханов. – М., 2000. – 562 с.

[23] Ушаков Н.А. Международное право: Учебник. Н.А Ушаков – М: Юрист, 2005. – 304 с.

Баъзе паҳлӯҳои одатҳо ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқ дар таҳқиқотҳои олимони ватанӣ ба мисли У.А. Азиззода[24], З. Ализода[25], Р.Б. Бозоров[26], Ш.К. Ғаюров[27], А.М. Диноршоҳ[28], А.В. Золотухин, Ф.Ф Идиев[29], И.И. Камолов[30], Х.Р. Қодирқулов[31], Қ.Ш. Қурбонов[32], М.А. Маҳмудзода[33], Ш.М. Менглиев[34], А.М. Мирзоев[35], .И.Қ. Миралиев[36], Ҷ.С. Муртазозода[37], Э.С. Насриддинзода[38], Ф.М. Нодиров[39], Д.С. Раҳмон[40], М.Н.

---

[24] Азизов У.А., Куканов А.З. Таърихи давлат ва ҳуқуқи мамлакатҳои хориҷӣ: Воситаи таълимӣ. / Азизов У.А., Куканов А.З. –Душанбе: 2014. – 150 саҳ.

[25] Ҳамидов Х., Алиев З. Назарияи давлат ва ҳуқуқ: Воситаи таълимӣ. / Х. Ҳамидов, З. Алиев – Душанбе: 2004. – 242 саҳ.

[26] Бозоров Р.Б. К вонросу о частноправовых и публичноправовых механизмах регулирования инвестиционных отношений/ Таджикистансий ежегодник международного публичного и частного рпава 2016. Бозоров Р.Б. – Душанбе, Издательство «Эр-граф», 2016. – С. 393-397.

[27] Ҳуқуқи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ. Қисми якум / Муҳаррирони масъул: доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор, мудири кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқукшиносии ДМТ Ғаюров Ш.К. ва номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Сулаймонов Ф.С. – Душанбе, «Эр-граф», 2013. 320 саҳ.

[28] Диноршоев А.М. Право человека в истории общественноймысли. / А.М. Диноршоев. – Душанбе, 2013. – 190 с.

[29] Идиев Ф.Ф. Ҳуқуқи Иттиҳоди Аврупо. Воситаи таълимӣ. Барориши аввал. Ф.Ф. Идиев. – Душанбе, 2014. – 178 саҳ.

[30] Камолов И.И. Источники права Республики Таджикистан. И.И. Камолов. – Душанбе, 2012 г. 215 с.

[31] Қодирқулов Х.Р. Ҳуқуқи дипломатӣ ва консулӣ. Воситаи таълимӣ / Нашри дуюм бо ислоҳу иловаҳо. – Душанбе. Матбааи ДМТ, 2019. – 216 с.

[32] Қурбонов Қ.Ш. Ҳуқуқи гражданӣ. Қисми 1 (китоби дарсӣ). Қ.Ш. Қурбонов – Душанбе: «Эр-граф», 2014. – 448 с.

[33] Маҳмудов М.А., Менглиев Ш.М. Ҳуқуқи хусусии римӣ. М.А. Маҳмудов, Ш.М. Менглиев. – Душанбе: «Эр-граф», 2013. – 176 с.

[34] Менглиев Ш. Международное частное право. Учебник. Ш. Менглиев. – Душанбе: Типография ТНУ, 2013. 736 с.

[35] Мирзоев А.М. Проблемаҳои татбиқи одатҳои байналмилалии тиҷоратӣ дар муносибатҳои шартномавӣ бо унсури хориҷӣ // А.М. Мирзоев. Ҳаёти ҳуқуқӣ № 2 (30). 2020. – С. 232-233.

[36] Миралиев И.Қ. Искандаров Ш.Ф. Ҳуқуқи инсон (дар нақшаҳо). Воситаи талимӣ. И.Қ. Миралиел Ш.Ф. Искандаров – Душанбе, 2019. – 192 с.

[37] Муртазоқулов Ҷ.С. Ҳуқуқи гражданӣ: маҷмӯи масалҳо: дар 2 қисм. Қисми 1. Ҷ.С. Муртазоқулов – Душанбе: «Эр-граф», 2015. – 212 саҳ.

[38] Насрудинов Э.С. Правовое воспитание и образование как факторы формирования правовой культуры в Республике Таджикистан: Монография. Э.С. Насрудинов – Душанбе: «Эр-граф», 2014. – 184 с.

Раҷабзода[41], М.З. Раҳимзода[42], Б.А. Сафарзода[43], Ҳ.Х Саидов[44], Р.Ш. Сотиволдиев[45], Ф.С. Сулаймонов[46], Ш.Т. Тағойназаров[47], С.Н. Тагаева[48], Ф.Т. Тоҳиров[49], А.Ғ. Холиқзода[50] ва дигарон баррасӣ гардидаанд.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Мақсади таҳқиқоти илмиро таҳлили одатҳо ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳад.

Бо дарназардошти мақсади зикршуда дар диссертатсия вазифаҳои зерин гузошта мешаванд:

– таҳлили низом ва хусусиятҳои асосии сарчашмаҳои ҳуқуқ;

– баррасии низом ва масоили инкишофёбии сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ;

– омӯзиш ва таҳлили одатҳо дар низоми сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ;

---

[39] Нодиров Ф.М. Ҳуқуқ. Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни факултаҳои иқтисодии мактабҳои олӣ. Ф.М. Нодиров. – Душанбе, «Деваштич», 2007, 404 саҳ.

[40] Раҳмон Д.С. Права человека в условиях глобализации: теоретические и методологические проблемы. Д.С. Раҳмон – Душанбе: «Истиқлол 2019», 2019. – 376 с.

[41] Раҷабов М.Н. Нақши одатҳои байналмилалӣ дар танзими ҳуқуқии истифодабарии обҳои фаромарзӣ. // М.Н. Раҷабов. Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. № 2 (10) 2019. – С.68-71.

[42] Раҳимзода М.З. Проблемаҳои мубрами ҳуқуқи соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон: монография. М.З. Раҳимзода. – Душанбе, МН «Дониш» 2019. – 557 с.

[43] Сафарзода Б.А. Международные стандарты в области прав человека: история и современность. Б.А. Сафарзода – Душанбе: «Эр-граф», 2016. – 324 с

[44] Саидов Ҳ.Х. Развитие таможенного законодательства в Советском и постсоветском Таджикистане. Могонрафия. Типография ТНУ., Ҳ.Х. Саидов – Душанбе: 2016. – 152 с.

[45] Сотиволдиев, Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ: китоби дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ / Р.Ш. Сотиволдиев. – Душанбе: Империал-Групп, 2014. – 719 с.

[46] Сулаймонов Ф.С. Ҳуқуқи гражданӣ ва савдоии мамлакатҳои хориҷӣ (маҷмааи таълимию методӣ). / Ф.С. Сулаймонов. – Душанбе, «Эр-граф», 2014. – 200 саҳ.

[47] Тағойназаров Ш.Т. Ҳуқуқи гражданӣ. Қисми сеюм: Китоби дарсӣ / Зери таҳрири Ш.Т. Тағойназаров. – Душанбе, 2014, 351 саҳ.

[48] Тагаева С.Н. К проблеме содержания Lex mercatoria / Таджикистансий ежегодник международного публичного и частного рпава 2016. С.Н.Тагаева – Душанбе, Издательство «Эр-граф», 2016. – 544 с.

[49] Тоҳиров Ф. Инкишофи ҳуқуқ дар Тоҷикистон. Ф. Тоҳиров – Душанбе, 1994. –186 с.

[50] Холиқов А.Ғ. Таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон. А.Ғ. Холиқов – Душанбе: «Эр граф», 2014. – 380 саҳ.

– муайян кардани таносуби сарчашмаҳои танзимнамоии давлатӣ ва ғайридавлатии муносибатҳои савдоӣ;

– муайян намудани таносуби одатҳои байналмилалии оммавӣ ва одатҳо дар ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ;

– баррасии категорияҳои "одатҳои ҳуқуқӣ", "анъанаи муомилоти корӣ" ва дигар категорияҳои ба онҳо алоқаманд.

**Объекти таҳқиқот.** Объекти таҳқиқотро одатҳо чун сарчашмаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар низоми сарчашмаҳои ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳанд.

**Мавзӯи таҳқиқот.** Мавзӯи таҳқиқоти диссертатсиониро ақидаҳо, нуқтаҳои назар, мафҳумҳо ва категорияҳои марбут ба одатҳо чун сарчашмаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ташкил медиҳанд.

**Методология ва усулҳои таҳқиқот.** Асоси корро усулҳои умумии дарки илмӣ (расмӣ-мантиқӣ, диалектикӣ, таҳлилӣ ва синтез) ва усулҳои махсуси илмии ҳуқуқӣ, хусусан расмӣ-ҳуқуқӣ, сохторӣ-функсионалӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, низомӣ ва усулҳои таҳлилии мантиқӣ ташкил медиҳад.

**Асоси назариявии таҳқиқотро** асарҳои олимони ватанию хориҷӣ ба монанди У.А. Азиззода, З. Ализода, С.В. Бахин, М.М. Богуславский, Р.Б. Бозоров, М.И. Брагинский, В.В. Витрянский, Ш.К. Ғаюров, А.М. Диноршоҳ, В.П. Звеков, И.П. Зикин, А.В. Золотухин, И.И. Камолов, Қ.Ш. Қурбонов, М.А. Маҳмудзода, Н.И. Маришева, Ш.М. Менглиев, А.М. Мирзоев, Ҷ.С. Муртазозода, Э.С. Насриддинзода, Д.С. Раҳмон, М.Н. Раҷабзода, М.З. Раҳимзода, А.А. Рубанов, Б.А. Сафарзода, Д.Ш. Сангинов, Р.Ш. Сотиволдиев, Ф.С. Сулаймонов, Е.А. Суханов, Ш.Т. Тағойназаров, Ф.Т. Тоҳиров, А.Ғ. Холиқзода, ва дигарон ташкил медиҳанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Дар диссертатсия кӯшиш ба харҷ дода шудааст, ки дар асоси равиши низомнок таҳлили ҳамаҷонибаи масоили одатҳо ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ анҷом дода шавад.

Навгонии илмии таҳқиқот дар он мебошад, ки масоили назариявии одатҳо ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ва татбиқи онҳо дар муносибатҳои байналмилалии хусусӣ дар сатҳи диссертатсионӣ то ҳол дар илми ҳуқуқшиносии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода нашудаанд.

Ба ғайр аз ин дар замони муосир, ки савдои байналмилалӣ босуръат инкишоф меёбад, талабот ба таҳқиқи ҳаматарафаи масоили танзими ғайридавлатии муомилоти савдоӣ боз ҳам афзунтар мегардад.

Диссертатсияи мазкур дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аввалин таҳқиқоти илмие мебошад, ки мавзӯи одатҳо ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқи байналмилалии хусусиро мавриди таҳқиқ қарор дода, хулосабарориҳои заруриро баҳри инкишофи имли ҳуқуқшиносӣ ва қонунгузории миллии кишвар пешниҳод менамояд.

**Ба сифати навгониҳо ба ҳимоя пешниҳодҳои зерин бароварда мешаванд:**

1. Одатҳо ба сифати сарчашмаҳои ҳуқуқӣ дорои хусусияти хоси худ буда, онҳо аз анъанаҳои муомилоти корӣ фарқ доранд. Ҳарчанд дар қонунгузории кишвар (бештар дар Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон) ин ду категорияи ҳуқуқӣ баробар мавриди истифода қарор дода шаванд ҳам, аммо дар ҳолатҳои гунонун онҳо бояд аз ҳамдигар фарқ карда шаванд.

Анъана метавонад робитаи тарафҳоро фақат дар ҳолате, ки дар ин ё он шакл зарурати эътироф кардани онро дар ягон муносибати танзимшаванда ифода намудаанд, ба танзим дарорад. Одатҳо бошанд дар дилхоҳ муносибатҳои савдоӣ ва соҳибкорӣ васеъ истифода бурда мешаванд.

2. Дар диссертатсия мафҳуми васеи «одатҳо» чун сарчашмаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод карда мешавад, ки он фарогири мафҳуми «анъанаҳои муомилоти корӣ» ва «одатҳои байналмилалии савдоӣ» эътироф гардида, дар низоми сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мавқеи махсуси худро доро мебошад.

Анъанаҳои муомилоти корӣ – одатҳое мебошанд, ки дар доираи юрисдиксияи як кишвар дар муддати дурударози вақт такрор шуда, ба вуҷуд омадаанд ва бо тартиби муайян татбиқ мешаванд, аммо дар ягон ҳуҷҷат қайд нашудаанд, инчунин ба тартиботи умумӣ зид намебошанд.

Одатҳои байналмилалии савдоӣ – қоидаҳои ягонаи рафтор мебошанд, ки дар таҷрибаи савдои байналмилалӣ дар байни шахсони воқеию ҳуқуқии кишварҳои гуногун дар натиҷаи чандин карат истифода гардидани ҳамон як амал ба вуҷуд омадаанд.

3. Дар диссертатсия муқаррар карда мешавад, ки низоми сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ки фарогири қонунҳо, санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, созишномаи тарафҳо ва одатҳои бай-

налмилалӣ мебошанд, бояд аз диди хусусиятҳои умумӣ (универсалӣ)- и категорияи «сарчашмаҳои ҳуқуқ» баҳо дода шаванд. Дар ин асно, созишномаи тарафҳо ба сифати сарчашмаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ набояд эътироф карда шавад.

4. Муаллиф дар диссертатсия одатҳоро ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мавриди таҳлил қарор дода, дар ин замина асоснок менамояд, ки одатҳо чун қисми таркибии ҳуқуқи татбиқшаванда, ки он аз ҳуқуқи моддии кишвари дахлдор иборат буда, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, шартномаҳои байналмилалии эътирофгардида ва дигар сарчашмаҳои танзимкунандаи муносибатҳои байналмилалии хусусиро дар бар мегирад, баромад менамоянд.

5. Одатҳои байналмилалии оммавӣ ва одатҳо дар ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар таносуб бо якдигар қарор доранд. Алоқамандии одатҳои байналмилалӣ ва одатҳо дар ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар ҷараёни пайдоиш, таҷрибаи устувори якхелаи татбиқшавӣ, хусусияти нонавиштагӣ, эътироф ба ҳайси танзимгари муносибатҳо зоҳир гардида, дар соҳаи амал, доираи иштирокчиён, эътибори ҳуқуқӣ, ҷараёни барасмиятдарорӣ, шакли ҷавобгарӣ барои вайрон кардан ё иҷро накардан аз ҳамдигар тафовут доранд.

6. Муаллиф дар диссертатсия пешниҳод менамояд, ки маҷмӯи одатҳои байналмилалӣ «Инкотермс» бояд ба сифати сарчашмаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф карда шавад. Зеро, ҳарчанде Инкотермс аз ҷониби субъектони хоҷагидори кишвар дар аҳдҳои иқтисодии хориҷӣ мавриди дарҷгардӣ ва татбиқ қарор дода шаванд ҳам, аммо расман он ба сифати одат чун сарчашмаи ҳуқуқӣ дар кишвар эътироф карда нашудааст. Чунин эътирофнамоӣ, бо дарназардошти таҷрибаи дигар давлатҳо ва хусусиятҳои Инкотермс, бояд аз ҷониби Палатаи савдо ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат гирад.

7. Дар диссертатсия, дар асоси омӯзиши паҳлӯҳои гуногуни мавзӯи барррасишаванда, муаллиф баҳри такмили қонунгузорӣ чунин пешниҳодҳо намудааст:

– дар матни Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон категорияҳои «одатҳо» ва «анъанаҳои муомилоти корӣ» аз ҳамдигар фарқ карда шуда, бинобар сабаби васеъ будани категорияи «одатҳо» аз категорияи «анъанаҳои муомилоти корӣ» моддаи 5 - Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ба одатҳо бахшида шавад;

– аз моддаи 1191 - Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар он низоми сарчашмаҳои танзими муносибатҳои байнамилалии хусусӣ муқаррар шудааст «созишномаи тарафҳо» чун сарчашмаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ки табиатан ва моҳиятан чунин мазмунро доро намебошад, хориҷ карда шавад;

- аз қисми 7-и моддаи 1219-и Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон истилоҳи «анъанаҳои мубодилаи корӣ» хориҷ карда шуда, истилоҳи «одатҳои байналмилалии савдоӣ» ворид карда шавад;

– аз моддаи 12 - Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон истилоҳи «анъанаҳои муомилоти корӣ» хориҷ карда шуда, истилоҳи «одатҳои муомилоти корӣ» ворид карда шавад;

– аз моддаи 43-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ» истилоҳи «одатҳои тиҷоратӣ» хориҷ карда шуда, истилоҳи «одатҳои байналмилалии савдоӣ» ворид карда шавад.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Маводҳои диссертатсия метавонад дар фаъолияти қонунэҷодкунӣ ва ҳуқуқтатбиқнамоӣ, дар ҷараёни таълими фанни «Ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ», инчунин курсҳои махсус вобаста ба «Ҳуқуқи байналмилалии савдоӣ» ва «Танзими ҳуқуқии аҳдҳои иқтисоди хориҷӣ» васеъ истифода бурда шаванд. Натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомдодаи муаллиф метавонад ба сифати асос барои коркарди минбаъдаи проблемаҳои назариявӣ ва методологӣ дар соҳаи баррасишаванда хизмат намоянд.

**Тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот.** Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ омода, муҳокима ва ба ҳимоя тавсия карда шудааст. Аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда 15 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда дар конференсияҳои зерини байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва мизҳои мудаввар дар шакли маърӯзаҳо ба табъ расонида шуданд: «Рушди ҳуқуқи байналмилалии оммавӣ ва хусусӣ дар 25 соли истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (6 майи соли 2016, ш. Душанбе); «Российское и зарубежное законодательство: современное состояние и перспективы развития». Северно-западный институт (филиал) федерального государственного бюджетного образовательного учреждения высшего образования «Московский государственный юридический университет име-

ни О.Е. Кутафина (МГЮА)» (24 апрелия 2017 года, г. Москва); «Масъалаҳои такмили қонунгузории обии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар партави қабули Қатъномаи Созмони Милали Муттаҳид оид ба эълони Даҳсолаи баайналмилалии амал «Об барои рушди устувор, 2018-2028» (26 майи соли 2017, ш. Душанбе); «Развитие юридической науки в современных условиях: теория и практика». Российско-Таджикиский (славянский) Университет (31 октября 2018 года, ш. Душанбе); «Всеобщая декларация прав человека и совримeные тенденции развития прав человека: проблемы и переспективы» (8 декабря 2018 года, г. Душанбе).

**Саҳми шахсии муаллиф**. Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия бо сатҳи навгонии илмии диссертатсия, нуқтаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмӣ-амалӣ тасдиқ карда мешавад.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Сохти диссертатсия тибқи мақсад, вазифаҳо ва мантиқи таҳқиқот муайян карда шудааст. Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса ва номгӯи адабиёт (маъхазҳо) иборат аст. Ҳаҷми диссертатсия 190 саҳифаро дар бар мегирад.

## МУҲТАВОИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ

Дар **муқаддима** мубрам будани мавзӯи таҳқиқоти диссертатсия асоснок гардида, сатҳи таҳқиқи он, мавзӯъ, объект, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, асосҳои методологӣ, назариявӣ, заминаҳои меъёрӣ, навгониҳои илмӣ ва нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия муайян карда шудааст. Ҳамзамон, тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия пешбинӣ гардидааст.

Боби якуми диссертатсия – **«Тавсифи умумии одатҳо ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ»** ном дошта, он аз се зербоб иборат аст.

Дар зербоби якум – **«Мафҳум ва хусусиятҳои одатҳо ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ»** мафҳуми одатҳо аз нуқтаи назари таърихӣ таҳлилу баррасӣ карда шудааст. Инчунин, қайд мегардад, ки аҳамияти падидаи мазкур дар замони муосир ва нақши он дар рушди муносибатҳои байналмилалии савдоӣ ва роҳу воситаҳои татбиқи он ошкор карда мешавад.

Танзими муносибатҳои ҳуқуқӣ на танҳо дар асоси қонунҳои навишташуда, балки ҳамчунин дар заминаи қонунҳои «нонавишта» ё ба таври дигар одатҳо амалӣ гардонида мешаванд. Масъалаи татбиқнамоии онҳо ҳамчун сарчашмаҳои ҳуқуқӣ яке аз масъалаҳои марказии ҳуқуқ мебошад.

Муаллиф дар ин асар лаҳзаи таърихии марбут ба андеша оид ба меъёри ҳуқуқро, ки дар Рими Қадим мавҷуд буд, таҳқиқ кардааст, ки тибқи он ҳуқуқшиносони римӣ ба таври анъанавӣ ҳуқуқро ба навишта ва нонавиштаро тақсим мекарданд. Дар асоси чунин тақсимот ҳуқуқшиносони римӣ аз он бармеомаданд, ки ҳуқуқи навишташуда қонун аст ва ҳуқуқи нонавишта одатҳо мебошанд.

Натиҷаи давраҳои тӯлонии рушди ин нуқтаи назар расман дар «Дигестҳои Юстиниан» муайян кардани муқаррароте буд, ки тибқи он: «Одати қаблан мустаҳкамшуда ҳамчун қонун қобили татбиқ мебошад ва ин ҳуқуқе номида мешавад, ки бо меъёрҳои ахлоқӣ муқаррар карда шудааст. Зеро агар худи қонунҳо моро фақат бо он алоқаманд намоянд, ки онҳо бо қарори халқ қабул карда мешаванд, пас инчунин он чизеро, ки халқ тасдиқ намудааст, нонавишта аст ва ҳамагонро бо ҳам алоқаманд менамояд».

Минбаъд аз ҷониби муаллиф ҳамчунин ба он ҳолате таваҷҷуҳ зоҳир карда мешавад, ки аз тарафи ҳуқуқшиносони римӣ ҳамчунин андеша дар бораи фарқ гузоштан дар байни leges ҳамчун қарори маҷлиси халқӣ ва одатҳои аҷдодон (consuetudes) ҳамчун меъёрҳои дигаре, ки чун қонун эътироф карда намешуданд, асоснок гардида буд. Мувофиқан, ҳанӯз дар ҳуқуқи римӣ ҳуқуқ ба маънои объективии худ ҳамчун низоми меъёрие фаҳмида мешуд, ки дар ҷамъият мавҷуданд (ахлоқ, дин ва а.и.), ҷузъи ин низом маҳсуб ёфта, мавҷудияти ҳатмии хаттиро талаб наменамояд, ки ҳолати мазкур ҳамчун далели эътирофи мавҷудияти одатҳои ҳуқуқӣ баромад менамояд.

Чунин одатҳо дар ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ танҳо замоне мавриди истифода қарор мегиранд, ки агар ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муносибатҳои шартномавии субъектҳои дахлдори фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ба сифати ҳуқуқи татбиқшаванда баромад намояд.

Ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ҳамчун низоми мустақили ҳуқуқӣ танзимкунандаи муносибатҳои граждани, оилавӣ ва меҳнатӣ мебошад, ки бо унсури хориҷӣ мураккаб гардидаанд. Одатҳое, ки сарчашмаи ҳуқуқи байналмилалии хусусиро ташкил додаанд, маҳз дар соҳаи

муомилоти байналмилалии тиҷоратӣ ба вуҷуд омадаанд, на дар дигар соҳаҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ.

Қонунгузорӣ мафҳуми «одат»-ро муайян накардааст, бинобар ин, дар адабиёти ҳуқуқӣ вобаста ба мафҳуми он фикру андешаҳои гуногун оварда шудааст.

Одатҳо – ин қоидаҳое мебошанд, ки дер боз вуҷуд доранд, ба таври низомнок истифода мешаванд, гарчанде дар ягон ҷой қайд нашудаанд. Консепсияи мазкур муайяният ва давомнокии мавҷудияти онҳоро қайд менамояд.

Ҳамин тавр, одатҳо ҳамчун қоидаҳои муайяни рафтор амалан ҷой доранд ва дар ҳама ҳолатҳое, ки тарафҳои муносибатҳо онҳоро ба роҳбарӣ мегиранд ва ё вақте ҳаракатҳои онҳо таҳти таъсири одатҳои дахлдор қарор доранд, амал мекунанд.

Зербоби дуюми боби якум – **«Таносуби сарчашмаҳои танзимнамоии давлатӣ ва ғайридавлатии муносибатҳои байналмилалии хусусӣ»** номгузорӣ шуда**,** муаллиф қайд менамояд, ки инкишофи муносибатҳои байналмилалии хусусӣ шаҳодат аз он медиҳанд, ки дар танзими онҳо давлат бо воситаҳои гуногун таъсир расонида, сарчашмаҳои эътирофшуда ба сифати яке аз чунин воситаҳо баромад менамоянд.

Қобили тазаккур мебошад, ки бинобар сабаби ба сифати қисмати бештари муносибатҳои байналмилалии хусусӣ эътироф карда шудани муносибатҳои байналмилалии савдоӣ, ки асоси ба вуҷуд омадани онҳо ин, пеш аз ҳама, шартномаи хариду фурӯши байналмилалии молҳо мебошад, дар ин самт танзими давлатӣ ва ғайридавлатии ин муносибатҳо бо ҳам алокамандии зичро доро мегарданд.

Дар низоми сарчашмаҳои ҳуқуқ ифодаёбии аз ҳама равшани худташкилшавиро одат соҳиб мебошад. Қоидаи рафтор на ҳамчун натиҷаи фаъолияти мақомоти давлатӣ ба вуҷуд меояд, балки ба таври муқаррарӣ дар рафти ҷараёни муътадили муносибатҳои ҷамъиятӣ шакл мегирад.

Дар ташаккули одатҳо ҳамчун манбаи ҳуқуқ нақши давлат дар он аст, ки он танҳо ҳатмӣ будани қоидаҳои аллакай муқарраршударо (ташаккулёфтаро) тасдиқ мекунад, яъне одатҳоро иҷозат медиҳад ва бо ин, бидуни дахолат ба раванди эҷоди он, бо воситаҳои қонунӣ иҷрои онро аз ҷониби субъектҳои дахлдор кафолат медиҳад.

Дар робита ба ин, эътироф карда мешавад, ки таҳқиқи худи шакли эътирофнамоии одат ҳамчун манбаи ҳуқуқ аз ҷониби давлат хеле

муҳим аст ва аз ҷониби давлат барои ин мақсад дар қонунҳо як қатор шартҳо пешбинӣ шудаанд, ки ҳангоми мавҷуд будани онҳо одатҳо дар танзими муносибатҳо татбиқ карда мешаванд.

Дар асар муаллиф як қатор назарияҳоро оид ба масъалаи сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, дар маҷмӯъ ва аз ҷумла оид ба масъалаи эътирофи одатҳо ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ баррасӣ кардааст. Ҳамин тавр, аз ҷумла, муаллиф дар асар назарияи «дугонагӣ» -и сарчашмаҳои ҳуқуқро таҳқиқ мекунад, ки дар ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мавҷуданд ва инчунин дар тиҷорати байналмилалӣ ба таври васеъ қабул карда шуданд. Ҳангоми таҳлили ин назария рисоланавис қайд мекунад, ки ин масъала бояд бо ду роҳ таҳқиқ шавад, аз ҷумла:

– ҳангоми баррасии масъалаи сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, онҳоро дар якҷоягӣ бо дигар сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, алалхусус бо чунин манбаъҳое, ки дорои хусусияти ватанӣ ва байналмилалӣ мебошанд, ки ҳам меъёрҳои коллизионӣ ва ҳам моддӣ-ҳуқуқиро дар бар мегиранд, баррасӣ кардан зарур аст;

– минбаъд, муаллиф чунин мешуморад, ки дар доираи ин сарчашмаҳо манбаъҳои ба истилоҳ «танзими ғайридавлатӣ» мавҷуданд, яъне он сарчашмаҳое, ки ҳуқуқи ғайрирасмиро мемонанд, бояд ҳангоми таҳлили одатҳои ҳуқуқӣ ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ баррасӣ карда шаванд.

Дар айни замон, дар адабиёти ҳуқуқӣ ин сарчашмаҳо ҳамчун сарчашмаҳои худтанзимкунӣ ва худидоракунии аҳдҳои иқтисодии хориҷӣ номида мешаванд. Хусусияти онҳо дар ин ифода меёбад: 1) онҳо ба субъектҳо маълуманд ва аз ҷониби ҳамаи иштирокчиёни муомилоти байналмилалии савдоӣ озодона қабул карда мешаванд; 2) субъектҳои муомилоти савдои хориҷӣ ба татбиқи ихтиёрии онҳо таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд; 3) ин сарчашмаҳо худназоратшаванда мебошанд ва дар лаҳзаҳои муайяни пешбинишуда онҳо бо назорати давлатӣ алоқамандананд; 4) онҳо хусусияти худмасъулиро доранд, ки дар таъмини иҷрои онҳо зоҳир мешавад; 5) онҳо эътироф карда мешаванд ва аз ин рӯ онҳоро қонун ҳифз мекунад; 6) дар онҳо асосҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ ва оммавӣ-ҳуқуқӣ ба таври муштарак рушд пайдо мекунанд.

Дар диссертатсия дар асоси хусусиятҳои дар боло зикршудаи одатҳо низоми танзими ғайридавлатии аҳдҳои иқтисоди хориҷӣ та-

шаккул ёфтааст, ки марҳилаи алоҳидаи инкишофи ҳуқуқи байналмилалии хусусиро ташкил медихад.

Дар ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мунтазам дур шудан аз фаҳмиши расмии категорияи «сарчашмаи ҳуқуқ» бо мақсади таҳаққуқ пайдо кардани манбаъҳои самараноки танзимнамоии ҳуқуқӣ ба назар мерасад.

Зербоби сеюми боби якум – **«Таносуби одатҳои байналмилалии оммавӣ ва одатҳо дар ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ»** ном дорад ва ба масъалаи дигари ҳалталаб – таносуби одатҳои байналмилалии оммавӣ ва одатҳо дар ҳуқуқӣ байналмилалии хусусӣ бахшида шудааст.

Меъёрҳои одатии ҳуқуқи байналмилалӣ дар асоси таҷрибаи дурудароз ва такроршавандаи давлатҳо, ки бо эътирофи ҳатмигии ҳуқуқии онҳо махсусият касб намудааст, ба вуҷуд меоянд.

Одати байналмилалӣ дар низоми сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалӣ мақоми хоса дорад ва аз нигоҳи пайдоиш сарчашмаи нахустини ҳуқуқи байналмилалӣ ба ҳисоб меравад.

Бояд қайд намуд, ки одатҳо ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқи байналмилалӣ барои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ низ аз аҳамият холӣ намебошанд. Дар ҳуқуқи байналмилалӣ тамоми принсипҳои асосии ҳуқуқи байналмилалӣ – соҳибихтиёрии давлатҳо, тамомияти арзӣ, дахлнопазирии сарҳадҳо, шартномаҳо бояд риоя карда шаванд ва ғайраҳо дар аввал ҳамчун одатҳо шакл гирифтаанд. Дар замони муосир дар заминаи принсипҳои мазкур одатҳои байналмилалие низ ташаккул ёфтаанд, ки барои танзими муносибатҳои байналмилалии хусусӣ аҳамияти калон доранд.

Рисоланавис қайд менамояд, ки дар ҳуқуқи байналмилалӣ чунин эътироф гардидааст, ки ҳангоми баррасии сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалӣ талаботи моддаи 38-и Статути Суди Байналмилалии Созмони Милали Муттаҳид бояд ба роҳбарӣ гирифта шавад, ки дар қатори дигар сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ҳамчунин «одати байналмилалӣ» ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқи байналмилалӣ пешбинӣ гардидааст, ки зери мафҳуми он исботи амалияи умумии ба сифати меъёри ҳуқуқӣ эътирофшуда, фаҳмида мешавад.

Дар диссертатсия аҳамияти одатҳои байналмилалӣ-ҳуқуқӣ ҳангоми танзими муносибатҳои байналмилалии хусусӣ қайд карда мешавад, зеро қоидаҳои рафторе, ки дар онҳо муқаррар шудааст, асоси ҳуқуқиро дар танзими дуруст ва объективонаи муносибатҳо, ки пред-

мети танзими ҳуқуқии меъёрҳои коллизионӣ мебошанд, ташкил медиҳанд.

Муаллиф таҳқиқоти худро оид ба масъалаи таносуби одатҳои байналмилалӣ ва одатҳо ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқи хусусии байналмилалӣ ҷамъбаст намуда, дар асар қайд менамояд, ки чунин таносуб дар ҳолатҳои зерин зоҳир мегардад: 1) пайдоиш дар асоси муносибат, таҷриба ва рафтори субъектҳо (ҳуқуқи байналмилалӣ ва ё ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ); 2) пайваста ва якранг такроршавӣ, яъне таҷрибаи устувори якхелаи татбиқшавӣ; 3) муҳим нест, ки (одатҳои байналмилалӣ ё одатҳо дар ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ) дар ин ё он ҳуҷҷат сабт карда шаванд, ё ба таври дигар дар фарқият аз дигар сарчашмаҳо дар шакли хаттӣ мавҷуд буданашон ҳатмӣ нест, яъне хусусияти нонавишта доранд; 4) танзими муносибатҳои байналмилалӣ (оммавӣ-ҳуқуқӣ ва ё хусусӣ-ҳуқуқӣ); 5) эътироф ба ҳайси меъёри ҳуқуқи байналмилалӣ (оммавӣ ё хусусӣ).

Тафовути одатҳои байналмилалӣ ва одатҳо дар ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар ҳолатҳои зерин зоҳир мегардад:

1) соҳаи амал – одатҳои байналмилалӣ дар соҳаи муносибатҳои байналмилалии байниҳокимиятӣ ба вуҷуд омада, амал менамоянд, одатҳо дар ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар соҳаи муомилоти байналмилалии тиҷоратӣ арзи вуҷуд доранд;

2) доираи иштирокчиён – одатҳои байналмилалӣ рафтори субъектҳои ҳуқуқи байналмилалии оммавиро ба танзим медароранд, одатҳо дар ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ бошанд рафтори иштирокчиёни муносибатҳои байналмилалии хусусӣ, пеш аз ҳама, шахсони ҷисмонию ҳуқуқии кишварҳои гуногунро ба танзим медароранд;

3) эътибори ҳуқуқӣ – эътибори одатҳои байналмилалӣ дар танзими муносибатҳои байналмилалӣ пас аз шартномаҳои байналмилалӣ мебошад. Одатҳои байналмилалӣ нисбат ба қонунгузории миллии кишварҳо қувваи баланди ҳуқуқӣ надоранд. Одатҳо дар ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ аз меъёрҳои диспозитивии қонунгузории миллӣ боло ва аз меъёрҳои императивии қонунгузории миллӣ эътибори ҳуқуқии пасттарро доро мебошанд.

4) ҷараёни барасмиятдарорӣ – барои амал намудани одатҳои байналмилалӣ созиши субъектҳои ҳуқуқи байналмилалӣ кофӣ мебошад. Амалӣ намудани одатҳо дар ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ нафақат аз рафтори субъектони он (ба хусус, шахсони ҷисмонию ҳуқуқии кишварҳои гуногун) балки аз эътирофнамоии

онҳо аз ҷониби давлатҳо ва барасмиятдарории онҳо ба сифати сарчашмаи ҳуқуқ вобастагӣ дорад.

5) ҷавобгарӣ барои вайрон кардан ё иҷро накардан – вайрон кардан ё иҷро накардани муқаррароти меъёрҳои одати байналмилалӣ ҳамчун ҳуқуқвайронкунии байналмилалӣ баҳогузорӣ карда шуда, нисбати он ҷавобгарии байналмилалӣ-ҳуқуқӣ татбиқ карда мешавад. Барои риоя накардани одатҳо ҳангоми танзими муносибатҳои байналмилалӣ-хусусӣ қонунгузории кишварҳо ба таври афзалиятнок ҷавобгарии молумулкиро пешбинӣ менамоянд.

Боби дуюми диссертатсия – **«Одатҳо дар низоми сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ»** ном дошта, аз се зербоб иборат аст, масоили марбут ба мавқеи одатҳо дар низоми сарчашмаҳои **ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ баррасӣ гардидаанд**.

Чунончи, дар зербоби якуми боби мазкур – **«Намудҳои сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ»** намудҳои гуногуни сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ баррасӣ карда мешаванд.

Қайд карда мешавад, ки сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ин шакли зоҳиран ифодашудаи меъёрҳои ҳуқуқиро меноманд, ки муносибатҳои ҷамъиятӣ, махсусан, муносибатҳои граждани, меҳнатӣ, оилавӣ, мурофиаи гражданиро бо унсури хориҷӣ ба танзим медароранд.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ оид ба **ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ** чунин намудҳои сарчашмаҳо вомехӯранд: санадҳои ҳуқуқии байналмилалии аз ҷониби давлат эътирофгардида, бахусус шартномаҳои байналмилалӣ; қонунгузории миллии давлатҳо, амсолияи судӣ ва арбитражӣ, ҳамчунин одатҳои байналмилалӣ. Дар баъзе аз низомҳои ҳуқуқӣ «мухторияти ирода» ва доктрина низ ба сифати сарчашма эътироф мегарданд. Баъзан дар адабиёти ҳуқуқӣ андешаҳоеро вохӯрдан мумкин аст, ки мутобиқи онҳо шартнома шакли ҳуқуқ эътироф мешавад, «ки дар алоқамандии байни қонун (ҳуқуқ) ва одат» қарор дорад.

Дар диссертатсия аз ҷониби муаллиф чунин сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мавриди омӯзиш ва таҳлилу баррасӣ қарор дода шудаанд: санадҳои ҳуқуқии байналмилалии аз ҷониби давлат эътирофгардида, бахусус шартномаҳои байналмилалӣ; қонунгузории миллии давлатҳо, амсолияи судӣ ва арбитражӣ, ҳамчунин одатҳои байналмилалӣ.

Муаллиф дар диссертатсия аз муҳимияти санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар низоми сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ сухан меронад. Муаллиф қайд менамояд, ки шартномаи байналмилалӣ ҳамчун санади ҳуқуқии байналмилалии нисбатан васеъ паҳнгашта созиши ду ва ё зиёда субъктони ҳуқуқи байналмилалӣ мебошад, ки дар натиҷа байни тарафҳо ҳуқуқ ва ухдадориҳо барқарор карда мешавад. Дар шароити муосир нақши шартномаҳои байналмилалӣ дар танзими муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ назаррас гардида, хусусиятҳои зерини онҳо ба назар мерасанд: а) шартномаҳои байналмилалӣ нисбат ба қонунгузории миллӣ бартарият доранд, ки муносибатҳои молумулкиро бо унсури хориҷӣ таъмин менамояд; б) унификатсияи меъёрҳои моддӣ ҳуқуқиро амалӣ менамояд; в) ба тараққиёти иқтисодии давлатҳо мусоидат менамояд; г) заминаи амалигардонии муносибатҳои дохилию хориҷӣ, инчунин танзими ҳуқуқии онҳо мегарданд.

Қонунгузории дохилӣ (миллӣ) мавқеи марказиро дар қатори дигар сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ишғол менамоянд. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчун давлати соҳибихтиёр, ба монанди дигар давлатҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил аз нигоҳи иқтисодӣ дар марҳилаи гузариш ба муносибатҳои бозоргонӣ қарор дорад ва мутаносибан қонунгузории он оид ба ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ низ инкишофи динамикиро аз сар мегузаронад. Дар бисёре аз бахшҳо меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ акнун ба вуҷуд омадаанд ва ё дар марҳилаи ташаккулёбӣ қарор доранд. Ин бо зарурати объективии танзими ҳуқуқии муносибатҳои иқтисодии унсури хориҷидошта зич алоқаманд мебошад, ки иштирокчиёни онҳо шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқии ватанӣ ба ҳисоб мераванд.

Дар раванди ноил шудан ба ин вазифаҳо, ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун қонун нақши аввалиндараҷа дода мешавад, ки меъёрҳои он амали мустақим доранд. Чунончи, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон кафолати давлатии озодии фаъолияти иқтисодӣ ва соҳибкорӣ, баробарӣ ва ҳимояи ҳуқуқии ҳама шаклҳои моликият, аз ҷумла хусусиро пешбинӣ мекунад (моддаи 12). Дар заминаи ин меъёр фаъолияти иқтисодии хориҷӣ густариш ёфта истодааст. Аз як ҷониб маҷмӯи қонунгузорӣ дар ин ҷода қабул шуда истодааст, ки асоси ҳуқуқии ин ҷабҳаро ташкил медиҳад, аз ҷониби дигар субъектони хоҷагидори Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон пайдо намуда-

анд, ки бо дигар шахсони ҳуқуқию ҷисмонии давлатҳои хориҷӣ робитаи иқтисодӣ намоянд.

Ин аст, ки ҷалби сармоягузории хориҷӣ авҷ гирифта, муносибатҳои савдоии берунаи Тоҷикистон бо суръат пеш рафта истодаанд. Гузашта аз ин, шартномаҳои гуногуни гражданӣ-ҳуқуқӣ бо иштироки шахсони ҳуқуқию воқеии ватанӣ бо субъектҳои хориҷӣ афзуда истодаанд.

Сарчашмаи асосии ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисмҳои 1,2 ва 3) мебошад. Фасли VII - и Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон «Ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ», дар қатори дигар сарчашмаҳо муносибатҳои байналмилалии хусусиро бо воситаи меъёрҳое, ки барои тамоми ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар маҷмӯъ ва аз ҷумла барои ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон умумӣ мебошанд, ба танзим медарорад: Ин муайян намудани ҳуқуқе, ки бояд ба муносибатҳои шаҳрвандию ҳуқуқии бо унсури хориҷӣ мураккабгардида татбиқ карда шавад (моддаи 1191); бандубасти мафҳумҳои ҳуқуқӣ (бандубасти ҳуқуқӣ) (моддаи 1192); муқаррар намудани мазмуни меъёри ҳуқуқи хориҷӣ (моддаи 1193); ҳаволаи бозгашт ва ҳавола ба ҳуқуқи кишвари сеюм (моддаи 1194); татбиқи ҳуқуқи кишвари дорои ҳуқуқи бисёрнизомӣ (моддаи 1195); истифодаи мутақобила (моддаи 1196); қайду шарт дар бораи тартиби оммавӣ (моддаи 1197); татбиқи меъёрҳои ҳатмӣ (императивӣ) (моддаи 1198); маҳдудиятҳои ҷавобӣ (реторсияҳо) (моддаи 1199).

Дигар сарчашмае, ки муносибатҳои оилавӣ-ҳуқуқии ҳуқуқи байналмилалии хусусиро танзим мекунад, ин Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки дар фасли VIII "Истифодаи қонунгузории оила дар муносибатҳои оилавӣ бо иштироки хориҷиён ва шахсони бешаҳрванд" меъёрҳое дарҷ гардидаанд, ки ба муносибатҳои мазкури оилавӣ татбиқ карда мешаванд.

